**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», номзади илмҳои филологӣ, дотсент**
**________ Назарзода М. М.**
**«__» _______ соли 2026.**

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**
**ба диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Рисолаи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

Дар илми журналистикаи муосири тоҷик таҳқиқ ва омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди ҳаҷви публитсистӣ, нақши анвои ҳаҷвӣ дар бозтоби масоили муҳимми ҷомеа аз зумраи мавзуъҳое ба шумор меравад, ки ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддӣ доранд. Аз ҷумла, омӯзиши гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод», ки анъанаҳои ҳаҷвиёти зиёда аз ҳазорсолаи тоҷикро идома бахшида, барои таҳаввул ва рушди ҳаҷви публитсистӣ нақши созгор гузоштааст, муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ба як масъалаи дорои аҳаммияти муҳим бахшида шуда, диссертант дар ҷараёни пажуҳиш ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст. Мавзуи таҳқиқ бо фарогирии масъалаҳои муҳим чун рушд ва таҳаввули ҳаҷви публитсистӣ зарурати омӯзиш ва пажуҳиши гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд»)-ро бо назардошти заминаҳои иҷтимоиву касбии таъсис, вежагиҳои шакливу мундариҷавии матолиб ва ба ин васила рушди анвои ҳаҷвӣ ба миён гузоштааст, ки аз муҳиммияти таҳқиқи он дарак медиҳад.

Диссертатсияи номбурда дар густариши пажуҳиши илмии соҳавӣ, истифодаи назарияҳои муосири баррасии маводи ҳаҷвӣ, тавсияи равишҳои тозаи таҳқиқи масъалаҳои рушди ҳаҷви публитсистӣ, баррасии нозукиҳо ва вежагиҳои хоси анвои ҳаҷвӣ дар матбуоти тоҷик саҳми муносиб гузошта, дар мисоли гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» ин масоили муҳимро баррасӣ намудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Аз замони пайдоиш то ба имрӯз матбуоти даврӣ пайваста муваффақияту комёбиҳо ва ҳамзамон мушкилоту камбудиҳои иҷтимоиро инъикос менамояд. Яке аз он шеваи писандидае, ки дар инъикосу тасвири камбудиҳои иҷтимоӣ нақши сазовор дорад, ҳаҷв аст.

Ҳаҷв ҳамчун ҷузъи таркибии рӯзномаву маҷаллаҳо дар давраҳои мухталиф арзи ҳастӣ намуда, барои насли имрӯзу оянда сабақҳои касбиро боқӣ гузоштааст. Дар ин радиф таҷрибаи гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» истисно буда наметавонад. Дар замони соҳибистиқлоли кишвар, ки шинохту арҷгузории падидаҳои маънавии худиву умумибашариро бештар тақозо дорад, омӯзиш ва пажуҳиши осори ҳаҷвӣ, бавежа гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бо шеваҳои комилан тоза ва равишҳои ҳаҷви пешрафта, аҳаммияти зиёдтар пайдо кардааст.

Таҳқиқи ҳаҷв ва унсурҳои ҳаҷвӣ, ки дар асоси маводди гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Суғд», сурат гирифтааст, пеш аз ҳама, барои муайян намудани ҷойгоҳи ҳаҷв дар ин рӯзнома муҳим ба шумор меравад. Зеро маводди ҳаҷвии ин гӯша, ки фарогири нукоти муҳим мебошанд, далели муътамаде дар шинохтани вазъи ҳаҷви он замон ба шумор рафта, ба таҳқиқи мукаммал, бо назардошти тақозои замон ва дидгоҳи тозаи илмӣ ниёз дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Муаллифи рисола аз мутолиаву пажуҳиши маводди гирдоваришуда ба хулосае расидааст, ки гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқ бадастомада дар таълиму тадриси таърихи журналистикаи ватанӣ, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, жанрҳои публитсистию-бадеӣ, асосҳои журналистика аҳаммиятнок мебошанд. Таваҷҷуҳи хос ба мавқеи гӯшаи «Анбӯр» дар рушди ҳаҷви публитсистӣ дар ин мавзуъ ҷойи таъкид аст. Хулосаю тавсияҳои диссертант, ки дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳ шудаанд, дорои асос ва ҷанбаи муҳимми илмӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи

«Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» падидаи илмии тоза ба шумор рафта, дар илми журналистика аз зумраи таҳқиқоти арзишманд ба ҳисоб меравад. Навгонии илмии пажуҳиш дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар илми журналистикаи тоҷик мавзуи диссертатсияи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия робитаи мутақобилаи байни мундариҷаву сабки нигориш ва махсусиятҳои анвои ҳаҷвӣ ба назар мерасад. Натиҷаҳои ҳосилшудаи раванди таҳқиқ бомарому саҳеҳ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки муаллифи рисола зимни пажуҳиши худ усулу равишҳои таҳлили матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр»-ро дар даврҳои гуногун ба миён гузоштааст, ки ин барои илми журналистикаи тоҷик судманд мебошад. Инчунин, таҳқиқи мавзуи мазкур барои ташаккули фазои илмии дохилӣ мусоидат карда, натиҷаҳои он, пеш аз ҳама, барои таҳқиқи масъалаҳои дигари баррасишавандаи журналистикаи тоҷик дар самти публитсистикаи ҳаҷвӣ мавод медиҳад.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва натиҷагириҳои илмии диссертант барои таълифи монографияҳо доир ба таърихи журналистикаи навини тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, жанрҳои публитсистика, мақолаҳои тахассусии илмӣ, китобу дастурҳои таълимӣ вобаста ба журналистика муфид буда метавонад. Диссертатсия барои таълими курсу семинарҳои махсус оид ба самтҳои мухталифи журналистика, раванди шаклгирии публитсистикаи ҳаҷвӣ, рушду ташаккули анвои ҳаҷвӣ-публитсистӣ ва таҳияи рисолаҳои номзадӣ, доктори фалсафа (PhD), рисолаҳои хатм ва магистрӣ кумак карда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, унвонҷӯ дар заминаи ҷустуҷӯ, таҳлил, баррасӣ ва муҳокимаҳо дар асоси далелҳои боварибахш ба натиҷаҳои мушаххас расидааст. Кори пажуҳишии мазкур бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар бобу фаслҳои он хулоса ва натиҷагириҳои асоснок ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоси илмӣ дошта, натичаҳои пажуҳиш дар 4 банд пешниҳод гардида, асоснок ва қобили эътимод мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Дар доираи таҳқиқи мавзуъ ва баррасии амиқи гушаи «Анбӯр»-и

нашрияи «Ҳақиқати Суғд» саҳми шахсии диссертант дар ҷамъоварии маводди сарчашмаҳои назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти ҳамсони донишмандони соҳа, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Таҳқиқоти анҷомгирифта маҳсули заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расидааст.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин чанде аз масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир, хоса публитсистикаи ҳаҷвӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷобаҷогузории сохтории диссертатсия ҷолиб буда, масъалаҳои бамиёнгузошташуда бо мисолҳои мушаххас собит гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз пажуҳиши мавзуи диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**. Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гушаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») ва дигар масоили муҳимми публитсистикаи ҳаҷвӣ, ки дар диссертатсия ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, баёнгари он аст, ки пажуҳиш ба таври шоиста анҷом дода шуда, бахши асосии он – таҳқиқу омӯзиши махсусиятҳои матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр», маводди арзишманд мебошад.

Дар умум, мавриди таҳқиқ қарор гирифтани гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» дар як марҳалаи муайян ва баррасии мазмуну мундариҷаи матолиби он аз аҳаммияти хос бархурдор буда, қобили таваҷҷуҳ мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 168 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Боби якуми** диссертатсия **«Омилҳои пайдоиш ва ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод»** унвон дошта, аз 2 фасл таркиб ёфтааст. Дар **фасли якуми** ин боб таҳти унвони **«Заминаҳои пайдоиши маводди ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод»**, ки таҳқиқи заминаҳои пайдоиши публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод»-ро дар бар мегирад, муаллиф ба натиҷае

расидааст, ки маҳз вуруди матбуот аз кишварҳои хориҷӣ ба ташаккулу рушди ҳаҷви публитсистӣ роҳи васеъ кушодааст.

Диссертант дар ин фасл ба хулосаи дуруст омада, таъкид менамояд, ки «нашрияҳо, саҳифаҳо ва гӯшаҳои ҳаҷвӣ барои зуҳур ва ташаккулу такомули ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик, бахусус, дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» заминаҳои мусоид гузоштаанд. Метавон гуфт, ки маҳз бо таъсири ин авомил ва чанд омили дигар аҳли эҷоди рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» иқдом намуданд, то саҳифаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро таъсис бидиҳанд ва бо маводи ҳаҷвӣ онро зинати маънавӣ бахшанд» (диссертатсия, с. 35).

**Фасли дуюми боби якум «Мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи нашрия»** ном дошта, ба таҳқиқи ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар ин фасл баъди пажуҳиши ҳаматарафа ба натиҷаи ниҳоӣ расида таъкид менамояд, ки «дар солҳои сиюм ҳаҷв низ дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ мавқеи намоёне дошт, аҳли эҷоди рӯзномаҳо хосса ҳаҷвнигорон бештар ба масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ дахолат намуда, матолиби ҳаҷвӣ эҷод мекарданд» (диссертатсия, с. 40).

Диссертант дар ин қисми кор аз рушду ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ ёдовар шуда, ба чунин хулоса меояд, ки «дар марҳалаҳои мухталиф гӯшаи «Анбӯр» бо он ҳама матолиби қолибу арзишманди хеш ба рушду такомули публитсистикаи ҳаҷвӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, дар ин самт нақши мондагоре гузоштааст, ки боиси таҳқиқу омӯзиши амиқ мебошад» (диссертатсия, с. 42).

**Боби дуюми** диссертатсия **«Гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» ва мундариҷаи он»** унвон дошта, аз 2 фасл иборат мебошад. Дар **фасли якуми боби дуюм – «Омилҳои таъсис ва ташаккули гушаи «Анбӯр»** диссертант замина ва омилҳои таъсис ва рушду ташаккули гӯшаи «Анбӯр»-ро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Диссертант дар натиҷаи омӯзиш ба хулосае омадааст, ки яке аз омилҳои муассир барои пайдоиши гӯшаи «Анбӯр» маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» мебошад ва ин гуфтаҳои худро дар такя ба масъулони гӯшаи мазкур, ки онро намояндаи "Хорпуштак" дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) муаррифӣ кардаанд, исбот кардааст. Ҳамчунин муаллифи рисола таъсиси гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» дар заминаи як қатор омилҳои муҳимми таърихӣ ва иҷтимоии дигар асоснок карда, фаъолияти онро идомаи анъанаи ғании ҳаҷв дар фарҳанги тоҷик ва таҷрибаи муваффақонаи нашрияҳову гӯшаҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти

пешин, аз қабили «Мулло Насриддин», «Ширинкор», гӯшаи «Тозиёна»-и маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва ғайра медонад.

Дар доираи **фасли дуюми боби дуюм**, ки **«Таҳлили мундариҷавии матолиби гӯшаи «Анбӯр»** ном дорад, муаллифи диссертатсия матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-ро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, фарогирии мавзуӣ ва услуби нигориш дар матолиби гӯшаи мазкурро муайяну мушаххас кардааст.

Унвонҷӯ бо пажуҳиши матолиби гӯшаи «Анбӯр» ба чунин хулоса омадааст, ки ҳунари нигорандагӣ ва ҳадафнокӣ дар нигоштаҳои дар ин гӯша нашршуда ҳунармандона ва нишонрас буда, бо касбияти баланд анҷом дода шудаанд.

Аз омӯзишу натиҷагирии муаллиф маълум мегардад, ки дар ин гӯша бештар масоили иҷтимоӣ, маишӣ ва ахлоқии ҷомеа мавриди баҳсу баррасии муаллифони гӯшаи «Анбӯр» қарор гирифтаанд.

**Боби сеюми диссертатсия «Таносуби жанрии маводди гӯшаи «Анбӯр»** ном дошта, он низ аз ду фасл иборат аст. Дар **фасли якуми боби сеюм –«Камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати амалҳои номатлуб дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ»** диссертант нахуст ба рушди публитсистикаи ҳаҷвии тоҷик таваҷҷуҳ намуда, аз анвои таъсиргузори эҷоди ҳаҷвӣ, ки бевосита дар бозтоби камбудиву норасоиҳои ҷомеа нақши муассир доранд, ёдоварӣ менамояд. Муаллиф дар ин қисми кор ҳамзамон бо таваҷҷуҳ ба матолиби гӯшаи «Анбӯр» чандин фелетону памфлет, луқмаву эпиграмма ва нақизаҳоро мавриди омӯзишу баррасиҳои илмӣ қарор дода, ҳусну қубҳи онҳоро мушаххас нишон додааст. Довталаби дараҷаи илмӣ баъди пажуҳиши ин мавзуъ ба натиҷае мерасад, ки ««Анбӯр» ҳамеша бар зидди норасоиҳои ҷомеа ва иллату камбудиҳои ҷомеа мубориза бурдааст ва дар ин самт аз тамоми шеваҳои муассири баён ва анвои ҳаҷвии публитсистӣ чун фелетон, памфлет, луқма, эпиграмма ва нақиза ба таври васеъ истифода намудааст. Навиштаҳои қолиби гӯша, пеш аз ҳама, гувоҳи он аст, ки «Анбӯр» гӯиё дар инъикоси ноҷӯриҳои замона худро муваззаф шуморида, ба тамоми масоил ва иллатҳои мавҷудаи ҷомеа дахолат намудааст» (диссертатсия, с. 128).

**Фасли дуюми боби сеюм «Таносуби воқеият ва тахайюл дар ҳаҷвияҳои адабӣ-публитсистии нашрия»** ном дошта, дар заминаи он унвонҷӯ доир ба нақши воқеият ва тахайюл дар таъсирнок гардидани таълифи осори ҳаҷвӣ андешаҳои қолиб баён намудааст ва як қатор матолиби гӯшаи «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод»-ро аз ҳамин зовия мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи

муаллифи рисола мушоҳидакору ҳақиқатнигор будани нависанда омили таъсиргузортарин дар инъикоси ҳаёти воқеӣ ба шумор рафта, ин шеваи муносибат дар бозтоби ҳаёти рӯзмарраи одамон боиси ҷалби диққат ва зери таъсир гирифтани аудитория мегардад. Омезиши унсурҳои публитсистӣ дар масири инъикоси ҳаёти воқеӣ бо унсурҳои бадеӣ, хоса дар эҷоди осори ҳаҷвӣ, ба мақсад мувофиқ буда, барои таъсирнокии бештар ба одамон муосидат мекунад.

Аз таҳқиқу омӯзиши мавзӯъ муаллиф чунин натиҷагирӣ намудааст, ки дар бештари матолиби ҳаҷвӣ пайванди воқеа, андеша ва аносири ҳаҷвӣ бо унсурҳои бадеият, баёни маҷозии андеша, фикрҳои ҷолиби киноядор мушоҳида мегарданд. Чунин шакли бархурд бо мавзӯъ имкон медиҳад, ки муаллифи асари ҳаҷвӣ воқеиятро дар шакли ғайриодӣ, бо рамзу киноя ва таъсирбахш ба риштаи тасир кашида, ҳадафнокӣ ва дидгоҳи интиқодии онро тақвият диҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 13 банд манзур гардидаанд, ки натиҷаи омӯзишу таҳлил ва баррасиҳои доманадори ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф вусъати баррасии мавзӯъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии кори диссертатсия мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 3 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари комёбиҳои илмии ба даст овардашуда камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар корҳои

илмӣ-таҳқиқии минбаъда ва дар ҷараёни нашри монография дар мадди назар доштани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар диссертатсия матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» аз ҷониби муаллиф хуб таҳлилу баррасӣ гардидаанд, аммо беҳтар мебуд, агар муаллиф матолиби ҳаҷвии таҳлилшударо аз ҷиҳати фарогирии мавзуӣ табақабандӣ менамуд. Инчунин тариқи кадом жанрҳои ҳаҷвӣ бештар инъикос гардидани мавзуъҳои фарогир, агар мушаххас мешуд, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.

2. Аз нигоҳи мо, дар диссертатсия дар хусуси муаллифони фаъоли гӯшаи «Анбӯр» агар фасли алоҳида ҷудо мегардид, хубтар мебуд. Зеро, он гоҳ симои муаллифони фаъол ва ҳаҷвнависони гӯшаи мазкур ҳамаҷониба муаррифӣ мегардид. Аз нигоҳи дигар, бартарии ин фасл дар он мебуд, ки номи он шахсиятҳо дар таърихи матбуоти тоҷик барҷастатар сабт мегардид.

3. Дар таҳияи рисолаи диссертатсионӣ муаллиф дар баробари услуби илмӣ услуби публитсистиро низ истифода намудааст, ки он ислоҳ мехоҳад.

4. Дар раванди таҳқиқу омӯзиш диссертант таҳлилу баррасиҳои зиёдеро анҷом додааст, аммо дар баъзе қисматҳо андешаҳои худи муаллиф мушоҳида намегарданд. Хуб мешуд нуктаи назари муаллиф низ зикр мегардид, зеро ин амал ҷанбаи илмии рисоларо боз ҳам тақвият дода метавонад.

5.Агар чанд намунаи матолиби ҳаҷвии гӯшаи «Анбӯр» ҳамчун замима ба диссертатсия ҳамроҳ карда мешуданд, ба мақсад мувофиқ мебуд. Чунки аввалан он навиштаҳо аҳаммияти таърихӣ доранд ва ҳамзамон онҳо метавонанд чун манбаи омӯзиш мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум арзиши илмии кори диссертатсионии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро унвонҷӯ вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби омӯзишиву таҳлилӣ дарёфт намудан имконпазир мебошад. Диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди нав дар илми журналистикаи тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор аст. Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ санаи 6-уми август соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид - «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №13, аз 06.08.2026 с.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Галимова Моҳинур**

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» **Муъминҷонов Зулфиддин**

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими
калони кафедраи журналистикаи

телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Мулоева Нишона**

**Имзоҳои М. Галимова, З. Муъминҷонов ва Н. Мулоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» **Нуридинзода Фаридун**

**Суроғаи муассисаи беҳбуд:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45. E-mail: www.ddst.tj
«07» 08 соли 2026.